# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи «Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ**. Мавзӯи таҳқиқ оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ ва ҳифзи саломатии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар шароити иҷтимоиву иқтисодии муосири Тоҷикистон аҳамияти хос дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки саломатии мардум ҷузъи таркибии ҳадафҳои стратегии давлат мебошад. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва беҳбуди дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ самтҳои афзалиятноки низоми тандурустӣ маҳсуб мешаванд. Омилҳое чун муҳоҷирати меҳнатӣ, хатарҳои рафторӣ ва нашъамандӣ паҳншавии сироятҳоро афзоиш дода, таъсири манфӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ мерасонанд. Таҳқиқоти миллӣ ва байналмилалӣ ҳамоҳангсозии чораҳои профилактикӣ ва беҳтар намудани сифат ва дастрасии хизматрасониҳоро таъкид мекунанд.

Проблемаи мазкур диққати зиёди мутахассисонро тақозо карда, идома додани чорабиниҳои пешгирӣ дар ҳама сатҳҳо зарур аст. Бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда қобили идора буда, барномаҳои миллӣ самаранокии тадбирҳоро нишон додаанд.

Қурбонов Назаралӣ Талабович 11 июли соли 1969 дар деҳаи Зиракии ноҳияи Кӯлоби Вилояти Хатлон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъди хати мактиби миёнаи №15 -и зодгоҳ ба шуъбаи фелдшерии омӯзишгоҳи тиббии ш.Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1989 хатм намуд. Аз соли 1989 то соли 1991 дар шуъбаи қабули беморхонаи марказии ноҳияи Кӯлоб ба сифати бародари навбатдор кор кардааст. Соли 1991 ба факултети табобатии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дохил шуда, муассисаро соли 1997 бо муваффақият хат кард. Аз соли 1997 то соли 1998 интернатураро дар заминаи кафедраи урологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хатм намудаст. Дар заминаи шуъбаи урологияи ММТ «Шифобахш» ба сифати духтури навбатдор то соли 2001 фаъолият кардааст. Мавсуф солҳои 1998 то 2000 дар ординатураи клиникии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» аз руи ихтисоси урология таҳсил намудааст, ҳамзамон дар шуъбаи зикршуда фаъолияти касбӣ менамуд. Қурбонов Н.Т солҳои охир ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва эҷодӣ диққати махсус зоҳир менамуд, чанд мақолаҳои илми-оммавӣ омода ва нашр намуд. Аз 1 октябри соли 2020 то 1 октябри соли 2022 аз руйи ихтисоси аввалияи «Менеҷери соҳаи тандурустӣ» дар заминаи Кафедраи сиҳатии ҷомеа, иқтисод, идороти тандурустӣ бо курси омори тиббии МДТ

«Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳсил намудааст.

Кори диссертатсионии Қурбонов Назаралӣ Талабович аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсиҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омузиши масъалаи илмӣ арзёби гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муаян карда шудаанд.

Дар боби якум (шарҳи адабиёт) натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки таҳқиқоти пешин бештар ба ҷанбаҳои тиббӣ ва иҷтимоии бемориҳои сироятии тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда равона шудаанд. Ҳарчанд ин таҳқиқот ба ташаккули заминаи илмӣ саҳми назаррас гузоштаанд, коркарди стратегияҳои фарогир барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, махсусан муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳанӯз нокифоя мондааст. Инчунин, робитаҳои байни омилҳои иҷтимоӣ, шароити иқтисодӣ ва рафтори инфиродӣ бо сатҳи гирифторӣ, ҳамчунин самаранокии тадбирҳои пешгирӣ, ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, тадқиқоти мазкур бо мақсади пурра намудани холигиҳо дар омӯзиши омилҳои иҷтимоӣ, синну сол ва касбии гурӯҳҳои осебпазир, инчунин таҳияи стратегияҳои мақсаднок ва амалии пешгирӣ равона гардидааст. Бо пешниҳоди роҳҳои нави ҳалли мушкилот, ин таҳқиқот метавонад дар такмили назарияҳо ва татбиқи тадбирҳои самарабахш саҳмгузор бошад ва сатҳи тандурустӣ ва сифати зиндагии аҳолиро беҳтар намояд.

Дар боби дуюм (мавод ва методҳои таҳқиқот) методи сотсиологӣ ҳамчун равиши асосӣ барои таҳқиқоти иҷтимоӣ-гигиенӣ дар соҳаи тандурустӣ истифода шуд, ки самаранокии онро нишон дод. Он масъалаҳои асосии вобаста ба бемориҳои зуҳравиро бо таваҷҷуҳ ба синну сол, шароити иҷтимоӣ ва рафтори гурӯҳҳои осебпазир мушаххас намуд. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот тавассути пурсишҳо ва мусоҳибаҳо анҷом ёфта, маълумоти муфассал дар бораи вазъи эпидемиологӣ ва омилҳои сироятҳоро фароҳам овард.

Маълумоти ҷамъоваришуда барои таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалии ҳалли мушкилот, инчунин ташаккули барномаҳои миллии пешгирӣ истифода шуд. Таҳқиқот, бо истифодаи методҳои гуногун, ба таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои фарогир мусоидат намуда, заминаи асосӣ барои таҳияи стратегияи миллии пешгирии СТАҶГ ба шумор меравад.

Дар боби сеюм таҳлили вазъи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нишон медиҳад, ки низоми пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар Тоҷикистон ба стандартҳои муосири тибби исботшуда ҷавобгӯ нест. Зарурати таҳияи стратегияи ҷомеи пешгирикунанда ва баланд бардоштани сатҳи маърифати тиббӣ ва беҳдоштии аҳолӣ таъкид шудааст. Барномаҳои иттилоотӣ бояд гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла ҷавонон, хонандагон, донишҷӯён ва муҳоҷиронро дар бар гиранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ, соҳаи тандурустӣ таҷдид шуда, қонунгузорӣ, идоракунӣ, маблағгузорӣ ва муассисаҳои тиббӣ

таҳким ёфтанд. Бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ, 18 маркази тиббӣ-машваратӣ барои ҷавонон ва 24 маркази боварӣ таъсис дода шуданд. Онҳо ба пешгирии рафторҳои хатарнок, нашъамандӣ ва бемориҳои ҷинсӣ равона шудаанд. Рафтори хатарнок миёни гурӯҳҳои асосӣ ва осебпазир дар паҳншавии бемориҳои зуҳравӣ нақши муҳим мебозад. Зарурати истифодаи механизми ҳамкориҳои байнисоҳавӣ барои иттилоотрасонии васеъ ва пешгирии ин сироятҳо таъкид шудааст.

Боби чорум таҳлили пурсиши иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазирро пешниҳод намуда, нишон медиҳад, ки паҳншавии бемориҳои сироятӣ бо камбудиҳои корҳои иттилоотию маърифатӣ, бахусус дар минтақаҳои буду боши муваққатӣ, иртибот дорад. Паҳншавии сироятҳо бештар ба рафтори гурӯҳҳои осебпазир, камбизоатӣ ва сатҳи пасти фарҳанги санитарӣ вобаста аст. Барои самаранокии барномаҳои давлатӣ, зарурати таҳкими ҳамкории диспансерҳои пешгирии бемориҳо, муассисаҳои КАТС ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ таъкид шудааст. Дар сатҳи маҳаллӣ роҳбарони муассисаҳои КАТС бояд масъалаҳои маблағгузорӣ ва беҳтар кардани дастрасии ёрии тиббиро ҳал намоянд. Фаъолияти Раёсати тандурустии вилояти Хатлон бояд таҷдид шуда, ба баробарии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷрои самараноки чораҳои пешгирӣ мусоидат кунад.

Боби панҷум ба самаранокии барномаҳои пешгирӣ аз паҳншавии бемориҳои зуҳравӣ равона шудааст. Паҳншавии сироятҳо асосан ба рафтори гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла нашъамандон ва шахсоне, ки алоқаи бехатарро риоя намекунанд, вобаста аст. Бо афзоиши сироятҳо, таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва татбиқи тадбирҳои пешгирӣ барои беҳбуди вазъи саломатии аҳолӣ зарур дониста мешавад. Вазорати тандурустӣ бо ҷомеа ҳамкорӣ намуда, тадбирҳои таҳкими инфрасохтор, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва истифодаи технологияҳои иттилоотиро татбиқ мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои электронӣ барои идоракунии муассисаҳои тандурустӣ ва ташаккули одатҳои солим, бахусус дар ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир, нақши муҳим мебозанд. Ҳамоҳангии байнисоҳавӣ ва баробарии дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ҳамчун чораҳои стратегӣ таъкид шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамбаст гардидаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ - методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ нашр гардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи “Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти

соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазавор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**мудири шуъбаи тандурустии ҷамъиятии**
**МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии**
**Тоҷикистон», д.и.т.,** **Ғоибов А.Ғ.**

“ 11 ” 11 соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомони,
кучаи Шевченко 61.
Телефон: +(992 37) 221-56-05 / 221-10-81
E-mail: tajikprofmed@mail.ru
URL: www.profmed.tj

Имзои Ғоибов Амонулло Ғоибович-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон»,

Аббосова М.

« 11 » 11 соли 2024

*Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомони, кучаи Шевченко 61. Телефон: +(992 37) 221-56-05 / 221-10-81*
*E-mail: tajikprofmed@mail.ru URL: www.profmed.tj*